**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Илми сарф (морфология) ба унвони муҳимтарин масъалаи забоншиносӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои филологияро ҳанӯз қарнҳо пеш ба худ ҷалб намуда будааст. Дар ин росто садҳо мақолаву китобҳо иншо гардида, таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом гардидааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович, ки ба мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)” ихтисос дорад, аз масъалаҳои хеле печидаву мураккаби илми сарф мебошад. Аммо бояд таъкид кард, ки ҳар забон ва ҳар замон рӯҳи худро дорад, яке печидатару дигаре содатар мешавад, вобаста ба давру замонҳо рушду инкишоф, рукуду инҳитотро аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ забони тоҷикиро, ки дорои қудрати беинтиҳои шаклу маъноофаринӣ аст, наметавон ҳамчун забони сода муаррифӣ кард. Пас, бо боварии комил метавон гуфт, ки дар таҳқиқи пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забони тоҷикӣ, бахусус дар муқоиса бо забони англисӣ ҳанӯз суханҳои ногуфта зиёданд.

Ба ин маънӣ рисолаи номзадии Ашурмадов Қиматалӣ бо унвони “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)” яке аз масъалаҳои муҳимму рӯзмарраи забоншиносӣ буда, шоистаи таҳсину тақдир аст. Муҳимтар аз ҳама, чунин таҳқиқоти шоиставу ҷиддӣ кафолати падид омадани дастурҳои комили забони тоҷикӣ ва китобҳои дарсӣ мегарданд, ки мутаассифона, ҳанӯз ҳам донишомӯзону муҳаққиқони тоҷик ниёзманди чунин маводанд. Бахусус, масъалаи таҳқиқи илмии маънои пешояндҳо ва корбурди он ҳангоми тарҷума ҳанӯз ҳам дар забоншиносии тоҷик ба таври бояду шояд омӯхта нашудаву интизори пажӯҳиш аст.

Аз ин нуктаи назар рисолаи номзадии Ашурмадов Қиматалӣ дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат

дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)" аз аҳамияти зиёди илмӣ бархӯрдор аст. Рисола дар сатҳи баланди илмӣ иншо гардидааст, ки воқеан, дар дастраси умум қарор гирифтани он амри хеле муфиду савоб аст.

Диссертант дар муқаддимаи кор доир ба муҳиммияти мавзуи мавриди назар, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва масоили мундариҷавии кори илмӣ маълумот додааст.

Боби аввал, ки "Асосҳои назариявии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" унвон шудааст, муаллиф бо овардани намунаҳо ва шавоҳиди зиёд аз сарчашмаҳои илмӣ фикру назарҳои худро перомуни пешояндҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ тақвият бахшидааст.

Боби дувум "Вижагиҳои типологии пешояндҳои ифодаи замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" номида шуда, дар он роҳу воситаҳои ифодаи замон, самт ва ҳаракат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисолаи номзадӣ ба масъалаи муқоисаи маъноию услубии пешояндҳои ифодакунандаи маънои самту ҳаракат бахшида шуда, "Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" номгузорӣ шудааст.

Тавре ки мушоҳида гардид, масоили матраҳгардида аз сӯи унвонҷӯ ба таври куллӣ муваффақона ҳаллу фасли худро ёфтааст. Ба назар мерасад, таҳқиқоти Ашурмадов Қиматалӣ дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)" кори мукаммал ва анҷомёфта буда, дар сатҳи матлуби илмӣ ва дар қолаби муқаррарии рисолаҳои илмӣ иншо шудааст. Бидуни шак, рисола аз аҳамияти зиёди илмӣ бархӯрдор буда, ҳамчун маводи илмии комил ҷиҳати дастурнигорӣ барои забони тоҷикӣ ва англисӣ буда метавонад.

Ягона эроде, ки метавон ба унвонҷӯ гирифт, ин ҷо-ҷо ишора нашудани пешояндҳо дар мисолҳои тарҷумашуда ва тарҷумашаванда аст. Хуб мебуд, агар муаллиф барои мушаххас шудани пешояндҳои англисӣ ва муодили тоҷикии он (бо пурранг кардан ё хат кашидан) низ ишороте медошт.

Бо вуҷуди ин, баъзе иштибоҳоти техникӣ, пунктуатсионӣ ва имлоӣ низ ба чашм мерасанд, ки ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз наметавонанд қимат ва арзиши илмии рисоларо бикоҳонанд, вале рафъи онҳо ба манфиати кор

Бо вуҷуди ин, баъзе иштибоҳоти техникӣ, пунктуатсионӣ ва имлоӣ низ ба чашм мерасанд, ки ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз наметавонанд қимат ва арзиши илмии рисоларо бикоҳонанд, вале рафъи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Фишурда ва мақолаҳои нашршуда баёнгари мазмуну мӯҳтавои рисолаи илмӣ мебошанд.

Рӯиҳамрафта, таҳқиқоти Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)" як кори фундаменталӣ буда, комилан ба талаботи рисолаи номзадӣ, ки Комиссия Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон________________Сафарова Р.Б.**
**Тел: 934440486**

**Имзои Сафарова Рухшона Бегназаровна-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.**

**18.04.2023.**